**ТАҚРИЗИ**

**муқarrizi расмӣ ба диссертатсияи Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна дар мавзӯи «Методҳои такмили мазмуни таълими фанни технология дар асоси корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (технология -таълими меҳнат) (илмҳои педагогӣ)**

Кори диссертатсионии Тошхоҷаева Сурайё натиҷаи таҳқиқоти илмӣ-тахассусие мебошад, ки ба таҳқиқи масъалаи муҳими илмӣ-педагогӣ ҷустуҷӯи методҳои такмили мазмуни таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар асоси корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ бахшида шудааст.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот**. Муҳимияти мавзӯи таҳқиқот дарёфти сарчашмаҳои ороишоти гулдӯзии миллии тоҷикӣ, муайян кардани сабабҳои маъруфияти чандинасраи он ва огоҳии комил пайдо намудан аз ҷаҳони эҷодии ҳунармандони халқи тоҷик яке аз проблемаҳои мубрам дар илми педагогика маҳсуб меёбад. Дар замони Истиқлолияти Ҷумҳурӣ зарурат ва аҳамияти рӯй овардан ба манбаъҳои муҳими миллӣ хеле актуалӣ мебошад.

Президенти мамлакат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2018 пешниҳод намуданд, ки солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шаванд.

Мусаллам аст, ки анъанаҳои миллии тоҷикон таърихи қадима дошта, ҳанӯз ҳазорҳо сол қабл пайдо шудаанд. Мутаассифона, осори бисёре аз ҳунармандони мардумӣ таназзул ёфта, имрӯзҳо дар ҷумҳурӣ эҳёи талафот шурӯъ шудааст ва эҳёи он дар якчанд самтҳо сурат мегирад: таърихӣ, бостоншиносӣ (археологӣ), санъатшиносӣ, таҳсилот ва ғайра.

Моҳияти тарбияи хонандагон ва хусусиятҳои усули таълими гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ дар заминаи педагогикаи халқӣ (дар асоси сӯзанидӯзӣ) омӯхта шудааст. Системаи усулҳои рушд, роҳҳои баланд бардоштани раванди омӯзиш дар рафти ташаккули шахсият

тавассути гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Аҳамияти амалии таҳқикот дар он аст, ки роҳу усулҳо, тарз ва методҳои инкишофи шахсият ба воситаи гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва манзур карда шуданд.

Ба сифати поягоҳи таҷрибавию озмоиши таҳқиқот факултети санъати тасвирӣ ва технологияи муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 23, № 19, № 9-и шаҳри Хуҷанд, Мактаби рассомии бачагонаи шаҳри Хуҷанд, Маркази таҳсилоти иловагии вилоят, маҳфилҳо дар Маркази гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ - сӯзанидӯзии ба номи Зулфия Баҳриддинова интихоб карда шуда, дар солҳои гуногун бо намудҳои мухталифи озмоиш ва кори таҷрибавию таҳқиқотӣ бо ҷалби хонандагон гузаронида шуда, таври муфассал оид ба натиҷаҳои озмоиши гузаронидашуда дар автореферати диссертатсия оварда шудааст.

Диссертатсияи Тошхоҷаева С. аз сарсухан, ду боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 155 саҳифаро ташкил медиҳад, ки он 142 номгӯи адабиёти истифодашуда, 2 ҷадвал ва замимаро дар бар мегирад.

Дар сарсухан муҳимияти мавзӯъ, дараҷаи коркарди мавзӯи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навовариҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, асоснокӣ ва эътимоднокии таҳқиқот, натиҷа ва муқаррароти асосии дифоъшаванда қайд карда шудаанд.

Дар **боби якум** «Заминаи таърихи пайдоиши гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ ва таъсири он ба ташаккули маърифатии зебоипарастии хонандагон» баррасӣ шудааст, ки аз се фасл иборат аст.

Дар зербоби якум заминаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии рушди гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ баррасӣ ва таҳлили мухтасари ташаккули гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ пешниҳод гаштааст.

Дар замони муосир, ки бо таҳаввулоти сохти давлатдорӣ равандҳои демократӣ дар ҷомеа қабул гашта, ҳокимияти мустаҳкам ва мустақилияти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият меёбад, барои ҷомеа дарки

арзишҳои инсонӣ ва худшиносии миллӣ, аслу моҳияти миллии халқ, шарту шароитҳои нигоҳ доштани мероси аҷдодони фарҳангиву таърихӣ ва эҳёи маънавиёту моддиёти вуҷуддошта хеле муҳим маҳсуб меёбад.

Дар асоси ин, системаи маорифи ҷумҳурӣ бояд ба истифодаи мероси таърихиву фарҳангии аҷдодон дар раванди санъати гулдӯзии таълим, ошкор намудани анъанаҳои маънавӣ ва бадеии халқ, омӯзиши санъати воқеии мардумӣ ва ҷустуҷӯи робитаи мероси байни наслҳо равона карда шуда истодааст.

Бояд қайд кард, ки табиати Тоҷикистон бо манзараи мухталиф шуҳрат дошта, дар сабку услуби гулдӯзӣ ба шакли баландӣ (кӯҳ) ва нишебӣ (пастӣ) инъикос ёфтааст.

Дар зербоби дуюм ташаккули анъанаҳои фарҳангӣ–зебоипарастии хонандагон дар мисоли гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар ҳар марҳилаи таърихӣ аҳолии Осиёи Миёна ҳамгироии таърихӣ-фарҳангии муайянеро намояндагӣ мекарданд, ки баъзе аз ҷузъиёти онҳо дар давраҳои гуногун таҳаввул пазируфтаанд.

Пажӯҳишгари шинохтаи Осиёи Марказӣ И.И.Неъматов барои муайян кардани ҳудуди фарҳанги мардумии аҷдодони халқи тоҷик мафҳуми «Тоҷикистони таърихӣ»-ро таҳлилу баррасӣ намудааст.

Дар зербоби сеюм муаллиф асосҳои равонии ташаккули муносибатҳои зебоипарастиро нисбат ба меҳнат дар системаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудааст.

Масъалаи тарбияи зебоипарастии насли наврас, ки дорои таърихи қадима аст, имрӯз ҳам зарурат ва муҳимияти худро гум накардааст.

Масъалаи тарбияи зебоипарастии насли ҷавон мутафакирони давраи қадим - Сократ, Арасту, Афлотун  ва дигаронро низ бетараф нагузошта, ҳанӯз аз давраҳои қадим асосҳои назариявии фаҳмиши бисёре аз навъҳои зебоипарастӣ ҷой доштанд, ки ба инкишофи санъат ва зебоипарастии онҳо таъсири хоса бахшидаанд ва олимони муосир имрӯзҳо ҳам аз он истифода мебаранд.

**Дар боби дуюм** роҳ, усул ва шаклҳои корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат) унвон дошта, аз се фасл иборат аст.

Дар зербоби якум роҷеъ ба асосҳои педагогии ташаккули шахсият ва маърифати бадеӣ-зебоипарастии хонандагон тавассути гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ изҳори назар шудааст.

Солҳои охир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тарбияи зеҳнӣ ва ҷисмонӣ таваҷҷӯҳ зоҳир гашта, зарурати тағйир додани муносибат ба ташкили раванди таълими хонандагон ва илова кардани тарбияи зебоипарастӣ ба фаъолияти педагогӣ ҳамчун воситаи муҳимтарини фарогирии муносибатҳои хонандагон ба воқеият, воситаҳои ахлоқӣ ва зеҳнии тарбия, ба ибораи дигар, воситаи ташаккули қобилияти эҷодии шахсият ҳамаҷониба рушдёфта ва рӯҳан лозим аст.

Эҳсоси тамоми зебоиҳои ҷаҳон, дарки ҳисси одам, ашё ва чизҳо ба хонандагон ҳолати махсуси ҳиссиву равонӣ бахшида, боиси таваҷҷуҳи воқеӣ ба ҳаёт, афзудани шавқи донишандӯзӣ, инкишоф додани фикр, хотира, ирода ва дигар равандҳои рӯҳӣ мегардад.

Маҳз дар ҳамин тарбияи зебоипарастӣ – дидан ва идроки хушиҳои атрофи хеш, ҷаҳони иҳотакардаи ӯ зоҳир мегардад.

Дар зербоби дуюм ба таври муфассал корҳои илмӣ-таҳқиқотро барои баланд бардоштани қобилияти эҷодии хонандагон тавассути гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додем. Яке аз бузургтарин минтақаҳои санъати дӯзандагии тоҷикон вилояти Суғд бо маркази он шаҳри Хуҷанд (собиқ Ленинобод) мебошад.

Гулдӯзӣ нисбат ба намудҳои дигари эҷодиёти халқӣ дар ин ҷо бештар инкишоф ёфтааст. Санъати гулдӯзӣ табиатан хоси фаъолияти хонаводагӣ ба шумор рафта, либос ва таҷҳизоти рӯзгорро музайян менамояд.

Халқ нисбат ба маҳсулоти рангоранги дӯзандагӣ ҳамчун намунаи воқеии санъати ороишӣ бо эҳтироми тамом муносибат мекунад. Ин навъи кашидадӯзӣ ба инсон солҳои зиёд хизмат расонида, аз насл ба насл ҳамчун мерос мегузарад.

Дар зербоби сеюм таҳлили натиҷаҳои корҳои таҳдқиқотӣ дар такмили мазмуни таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар асоси корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ оварда шудааст.

Дар ибтидои асри XXI дар ҷомеаи муосир вазъияте ба амал омад, ки мушкилоти тайёрии касбии мутахассисон нисбат ба мушкилоти технологии истеҳсолот дар сатҳи баландтар қарор гирифт.

Донишҳои технологӣ, ки ҷавонон соҳиб мегарданд, барои васеъ гаштани донишҳояшон доир ба ҷаҳони касбҳо ва технологияҳо, омӯзиши таҷрибаи фарҳангӣ мусоидат менамоянд.

Системаи муосири таълими Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамқадами замон буда, ҳадафи ниҳоии он ворид гаштан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ мебошад, ки меъёрҳои таҳсилоти ҷумҳурӣ ба меъёрҳои қабулшудаи ҷаҳонӣ мутобиқ гардад ва он тағйирдиҳии соҳаи илм ва таҷрибаи педагогикаи ватаниро талаб мекунад.

Дар диссертатсия ҳангоми тақриз дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе нуктаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати пажӯҳишоти оянда хоҳад буд.

1.Муаллифи кор дар автореферат фарзияҳои гуногуни проблемаи мазкурро баён намуда, назарияи такягоҳии психологӣ-педагогиро дар давраи гузаронидани таҳқиқоти эксперименталӣ ёдовар намешавад;

2.Дар автореферат корҳои олимон-педагогҳои тоҷик, ки бо корҳои худ аз рӯи проблемаи мазкур дар ҷумҳурӣ маълуманд, ишоракунӣ кам мушоҳида карда мешаванд.

3. Дар ҳолати муқоиса намудани натиҷаҳои озмоишӣ дар мактабу марказҳои гуногун гузаронидашудааш, хулосаҳои ҷудогона дода мешуд, арзиши илмии диссертатсия боз ҳам ғанӣ мегардид.

Эродҳои овардашуда ҷузъӣ буда, ба арзиши волои назариявию амалии диссертатсия таъсире надорад.

Мақолаҳои илмӣ-методии ба чоп расонидаи муаллиф, мазмуни илмии фишурдаҳои автореферат бо забони тоҷикӣ ва русӣ бо мазмуну муҳтавои диссертатсия комилан мувофиқанд.

Таҳлили хулосаҳои бобҳои диссертатсия, хулосаи умум ва таҷрибаҳои педагогии муҳаққиқ, нишон медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур

бо тахассуси 13.00.02-Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (технология- таълими меҳнат) (илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад.

Дар заминаи коркарди статистикии натиҷаи озмоиши педагогӣ нишон дода шудааст, ки афзоиши маҳоратҳои амалӣ дар хонандагони гурӯҳи озмоишӣ аз истифода бурдани такмили мазмуни таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар асоси корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ вобастагӣ дорад.

Ҳамин тавр кори диссертатсионии Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна ба талаботи «Низомнома оиди дарёфти дараҷаи илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовор ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (технология-таълими меҳнат) (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи методикаи таълими фанҳои
табиӣ-риёзии Филиали муассисаи
давлатии "Донишкадаи Ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии
кормандони соҳаи маориф"
дар вилояти Суғд Рӯзиева Мавлюда Давроновна

Имзои н.и.п., дотсент М.Д.Рӯзиеваро тасдиқ мекунам.
Мудири шӯъбаи кадрҳо ва котиботи
ФМДДҶТИБКСМ дар вилояти Суғд Мамадқулова Ф.

Суроға: 735690 ноҳияи Б.Ғафуров
ҷамоати деҳоти Унҷӣ, кӯчаи Рӯдакӣ 1.
Тел.(+992928823982)